ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Фарҳодова Сарвбону Алидодовна «Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2. 1 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки лаҳҷашиносии тоҷик аз оғози ташаккули худ роҳи печидаву мураккаби таърихиро тай карда, то ба ҳол дар таҳқиқи синхронии шеваҳо, лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои забони тоҷикӣ ба дастовардҳои назаррасе ноил гардидааст ва дар ин бахш асару мақолаҳо ва фарҳангҳои гуногуни диалектологӣ ба табъ расидаанд. Сарфи назар аз густараи таҳқиқоти диалектологӣ, дар лаҳҷашиносии тоҷик ҳанӯз ҳам масъалаҳое боқӣ мондаанд, ки таҳқиқу таҳлили амиқу ҳамаҷонибаро тақозо доранд ва дар шумори ин масоил пажуҳиши лексикаи соҳавии лаҳҷаҳои канории забони тоҷикӣ қарор гирифтааст. Яке аз қадимтарин соҳаҳои шуғли мардуми тоҷик чорводорӣ ба шумор меравад, ки куҳантарин луғоту истилоҳоти он аз забони мабдаи ориёӣ маншаъ гирифта, дар забони эронии бостон идома ёфтаанд, ки намунаҳои зиёди онро аз нахусткитоби мардуми эронитабор – «Авесто» метавон дарёфт кард. Бар мабнои нуктаҳои фавқуззикр метавон натиҷа гирифт, ки таҳқиқи лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ, ки Фарҳодова Сарвбону Алидодовна бар пояи маводи гӯйиши Ғорон мавриди баҳси пажуҳиши диссертатсионии худ қарор додааст, яке аз **масъалаҳои мубрами** таҳқиқоти диалектологии забони муосири тоҷикиро дар бар гирифта, дар густариши доманаи лаҳҷашиносии муосири забони тоҷикӣ ҳамчун мавзуи муҳим арзёбӣ мегардад.

Фарҳодова Сарвбону Алидодовна соли 1992 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншоҳ Назаршоев аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забону адабиёти тоҷик дохил шуда, онро соли 1997 бо дипломи ТСИ №0000003 (аъло) хатм намудааст.

Пас аз хатми Донишгоҳи мазкур С. А. Фарҳодова аз соли 1997 то соли 2002 дар Мактаби миёнаи асосии №31-и ноҳияи Ишкошим, солҳои 2002-2003 ба сифати ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншоҳ Назаршоев, солҳои 2003-2004 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар Мактаб-боғчаи №3-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, аз соли 2004 то соли 2009 ба сифати муаллими калони кафедраи таърих ва ҳуқуқи ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, солҳои 2009-2015 дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аввал дар вазифаи нозири калони кадрҳои Донишкада ва баъдан дар вазифаи мудири кафедраи илмҳои гуманитарии Донишкадаи мазкур, аз моҳи декабри соли 2015 то моҳи марти соли 2025 дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз 3-юми марти соли 2025 то ҳол ба ҳайси ходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кор карда истодааст.

Кори диссертатсионии Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар доираи стандарти корҳои илмӣ-тақиқотӣ таълиф гашта, аз муқаддима, 3 боб, 17 фасл, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар 5 фасл ва зерфаслҳои **боби якум,** ки **«Таснифоти луғавӣ-маъноии вожагони соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши водии Ғорон»** ном дорад, андешаҳои донишмандон дар бораи номгузории навъҳои гуногуни ҳайвоноти хонагӣ, луғоти марбут ба номҳои умумии ҳайвоноти хонагӣ ва номҳои

навъҳои мушаххаси онҳо, аз ҷумла, номҳои ҳайвоноти хонагии хурду калон, боркаш ва саворӣ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ, рангу тарҳи бадан, таъиноти хоҷагидорӣ ва монанди инҳо таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Дар 8 фасли **боби дувуми** диссертатсия – **«Баррасии этнолингвистии калима ва истилоҳоти чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон»** вожагони марбут ба бемориҳои ҳайвоноти хонагӣ, макони парвариши онҳо, вожагони марбут ба айлоқҷойҳо ва мавзеъҳои чорвочаронӣ, номҳои маҳсулоти чорво, луғоту истилоҳоти ифодакунандаи касбу кори марбут ба чорводорӣ, истилоҳоти мансуб ба расму оини чорводорӣ, номҳои анвои хурокҳои ширӣ, ҳамчунин, вокативҳо мавриди пажуҳиш қарор дода шудаанд.

Се фасли **боби севуми** таҳқиқоти диссертатсионӣ – **«Манбаъҳои ташаккул ва инкишофи лексикаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон»** лексикаи аслӣ ва иқтибосии соҳаи чорводорӣ (арабӣ, туркӣ-узбекӣ, эронии шарқӣ), хусусиёти калимасозии лексикаи чорводории гӯйиши баррасишаванда дар маърази таҳлилу таҳқиқ ниҳода шудаанд. Натиҷаҳои тақиқу таҳлили илмӣ дар хулосаҳои охири ҳар боб ва хулосаи умумӣ мунъакис гардидаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашршуда ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи «Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
мудири шуъбаи таърихи забон ва забоншиносии қиёсии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ,
номзади илми филология А. Мирбобоев

15.05. 2026

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдаки 21
тел.: (+992) 935846542
E-mail: aziz_mirboboev@mail.ru

ШУЪБАИ КАДРҲО

Имзои Мирбобоев Азизхонро тасдиқ мекунам:
нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Ф. Давлатзода

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдаки 21
тел.: (+992)102030797
E-mail:noila@internet.ru